# ТАҚРИЗИ

ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Дар илми педагогика ва психология тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни калони томактабӣ яке аз самтҳои арзишманд ба ҳисоб рафта, он дар адабиёти илмӣ, педагогикаи томактабӣ ва психологияи бачагона эътироф карда шудааст. Он илм дар бораи қонуниятҳои инкишоф, тарбия, таълим, шаклҳои ташкилу роҳбарӣ ба фаъолияти гуногуни кӯдаконро дар бар мегирад.

Психология ва педагогикаи томактабӣ соҳаҳои ба худ хоси омӯзишӣ, методҳои илмӣ – тадқиқотӣ, назария, амалия ва методикаи ба худ хоси тиббӣ, психологӣ ва кӯдакони синну соли томактабӣ, барномаи тарбия, таълим ва инкишофро дорад. Омӯхтани назария ва амалияи инкишоф, таълим ва тарбияи кӯдакон дар таъмин намудани тайёрии касбии мутахассисони соҳаи таҳсилоти томактабӣ аҳамияти калон дорад.

Рисолаи пешниҳодшуда масоили назариявӣ ва методологӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти фаъолияти педагогӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солими кӯдакони синни томактабиро дар назар дорад.

Дар рисола, зимни баррасии масъалаи фароҳам овардани шароити нигоҳдошти саломатӣ ва ташаккули тарзи ҳайти солим адабиёти зиёдеро мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар асоси таҳлили муқоисавии андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ таъмини муҳити тандурустӣ ва тарбияи тарзи ҳаёти солим ҳамчун ҷузъи таркибии ташаккули фарҳанги тандурустӣ арзёбӣ гардидааст.

Таҳқиқоти унвонҷӯйро баррасии озмоишҳои илмию равоншиносии олимони хориҷиву ватанӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ ташкил додааст. Ҳалли масъалаи

мазкурро муаллифи рисола дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Дар муқаддима диссертант муҳимияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, макон, фарзия, вазифаҳои дар назди худ гузошта, кушодани усулҳои таҳқиқ, истифодаи навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси диссертатсияро муайян мекунад, зарурияти амалӣ кардани онҳоро дар таҷриба ифода мекунад.

Дар боби якум - **“Асосҳои назариявии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ”** масъалаҳои ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар адабиётҳои педагогӣ, психологӣ ва методӣ, мавқеи оила ва муассисаи таълимии томактабӣ дар ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солими кӯдакон, технологияи ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ баррасӣ гардидааст.

Дар боби дуюм **“Корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ”** масъалаҳои ташхиси муайнкунандаи ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ, технологияҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ-таҷрибавӣ баррасӣ мегардад.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки дар зинаи таҳсилоти томактабӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии раванди таълим ва усулҳои ташаккули тарзи ҳаёти солими кӯдакони синни томактабӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Унвонҷӯ кӯшиш намудааст, ки ҷараёни кори таҷрибавӣ-озмоиши босамари истифодаи усулҳои ташаккули тарзи ҳаёти солими кӯдакони синни томактабиро мавриди санҷиш қарор диҳад, зеро он воситаи босамари ташаккули фаъолияти ҷисмонӣ, маърифатӣ ва ташкили фаъолияти таълимии кӯдакони синни калони томактабӣ мебошад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, ба теъдоди 15 мақолаи илмӣ: 5 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

Хулоса, диссертатсияи Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ", кори илмии ба таври мустақилона анҷомёфта мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарифзода Наргис сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
Муаллими калони кафедраи
педагогика ва психологияи
Донишгоҳи давлатии Данғара Садирова Ҷ.Ш.

03.12.2024

Нишонӣ: 735320, Ҷумхурии Тоҷикистон, нохияи Дангара, кучаи Марказӣ, 25. Телефон: +992 833122-28-06, E-mail: dddangara 2013 @mail .ru.
**Jamilasadirova4@gmail.com**

Имзои Садирова Ҷ.Ш.-ро
тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси МДТ
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА